# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзӯи “Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар автореферати диссертатсияи мазкур маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ- фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар ҳақиқат ҳам имрӯзҳо таҳқиқи консептҳое, ки дар шуури халқҳои гуногунзабону гуногунфарҳанг таҷассум ёфтаанд, таваҷҷуҳи забоншиносону муҳаққиқонро зиёд ба худ ҷалб намудааст. Дар консептҳо тамоми тасаввуроти инсон доир ба олами ҳастии ҳам дидашаванда ва ҳам маънавӣ, ки ӯро иҳота кардааст, ҷамъбаст мегардад.

Дар рисола консепти “шодӣ”-ро аз нигоҳи ҷаҳонбинии Шарқ, ки тавассути воҳидҳои забон, зарбулмасалу мақол, афоризм ва ибораҳои рехта оварда шудаанд, баррасӣ гашта, ифодашавии хусусияти фарҳангии ин консептро бо дигар васила низ ишора шудааст. Аз ин лиҳоз, мо дар доираи фарҳанги Шарқ ва бо мурури замон баррасӣ кардани ин масъаларо бамаврид ва мубрам мешуморем. Ин матлабро бо он шарҳ додан мебояд, ки агар вожаи шодиро дар асарҳои бадеӣ, шеърҳо, зарбулмасалу ибораҳои рехта дар муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ таҳқиқ намоем, маълум мегардад, ки дар забону фарҳанги ҳар ду халқият фарқияту монандӣ вуҷуд дорад.

Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 178 саҳифаи ҳуруфи компютерӣ иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот,

мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода мешавад.

Ҳар боби рисола пурра баррасӣ ва ҳаллу фасли худро дарёфт намуда, муаллифи он тавонистааст ба мақсади дар назди худ гузошта ноил гардад. Дар автореферат ҳама бобу зербобҳои диссертатсия ба таври мушаххас ҷамъбаст гардидаанд. Муаллифи диссертатсия хулосаҳои корро дар 20 банд ҷамъбаст намудааст, ки ҳамагӣ асосноканд.

Бо вуҷуди хуб таҳия гаштани автореферат, дар он баъзе нуқсонҳо ба чашм мерасанд:

1. Хуб мешуд, агар дар автореферат таҳлили корро дар диаграмма ва ё гистограмма нишон медод;

Дар маҷмуъ, камбудии ишорашуда ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро он ислоҳпазир аст ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад. Умуман, таҳқиқ дар саиҳи хело хуб ба расмият дароварда шудааст. Мисолҳои овардаи муаллиф ҷолиб ва саривақтӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи **БАХЕТГУЛИ АЙМАЙТИ (BAIHETIGUI AIMATI) дар мавзӯи “Маънои консептуалии “шодӣ” ҳамчун падидаи забонӣ-фарҳангӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ”,** ба талаботи бандхои 31-35 - и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгу мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии

номзади илм аз рӯи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:** доктори илмҳои филологӣ, профессор
мудири кафедраи забонҳои хориҷии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Саидзода Ҳ. А.

Нишонӣ:
73407, ш. Душанбе,
Кучаи ипечак 1 М-4 хонаи-4, ҳуҷраи 10
Нишонии электронӣ: saidovhalim@mail.ru
Телефон: (+992) 93 555 22 54

Имзои Саидзода Ҳалим Азизро тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Акрамзода Толиб Саидаҳтам**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 33,
Тел: (+992 37) 2 27 84 97;

**27.08.2025**